# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2025. – 57 с.

Васоити ахбори омма дар ҳамаи шаклу намудҳои худ нақши барҷастаи муаррифигар, танзимкунанда ва инъикосгари сиёсати дохиливу хориҷиро доро буда, дар ҷаҳони муосири пуртаҳаввул аҳаммияту таъсири онҳо бештару амиқтар гардидааст. Бо назардошти равандҳои глобалӣ ва афзоиши аҳаммияти иттилоот, ВАО имрӯз ба унвони абзори муассири дипломатияи нарм нақши муҳим мебозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ, дар заминаи сиёсати "дарҳои боз", бо даҳҳо кишвари ҷаҳон муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоиро ба роҳ монда, дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро устувор намудааст. Дар ин миён кишварҳои арабзабони минтақаи Халиҷи Форс – Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб аз ҷумлаи шарикони муҳим ба ҳисоб меравaнд. Маҳз истиқлоли давлатӣ имконот фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишварҳо муносибатҳои наву созандаро дар шаклу қолабу форматҳои муосир барқарор намояд.

Бидуни шак, нақши хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди ин равобит басо муассир мебошад. Дар асоси сиёсати хирадмандонаи хориҷӣ ва муаррифии самараноки кишвар дар сатҳи байналмилалӣ, фазои иттилоотии дохиливу хориҷӣ низ ба таври қобили мулоҳиза ин равобитро бозтоб медиҳад.

Диссертатсияи Қаландаров С.Д. маҳз ба ин мавзуи муҳим – нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистону кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс бахшида шуда, таҳлили амиқи василаҳои иттилоотии дохиливу хориҷиро дар бар мегирад.

Дар **боби аввал** таҳти унвони «Раванди ташаккули муносибатҳои Точикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс» муаллиф заминаҳои таърихии равобитро баррасӣ намуда, рушди муносибот дар давраи истиқлолро бо кишварҳои ШАС, АМА, Қатар ва дигар давлатҳо таҳлил кардааст. Дар доираи фасли "Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони

муосир" зикр мегардад, ки Қатар ва ШАС бо доштани иқтисоди устувору мутарақӣ метавонанд ҳамчун шарикони муҳимми иқтисодии Тоҷикистон амал кунанд.

Дар фасли "Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб" муаллиф тавассути тақсимбандии хронологӣ хусусияти ҳамкориҳоро дар даврахои мухталиф таҳлил намуда, таваҷҷуҳи хоси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушди ин равобит бо далелу арқоми мушаххас нишон додааст.

Дар **боби дуюм,** ки «Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Точикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии Халиҷи Форс» ном дорад, таҳлили маводи оҷонсиҳои иттилоотии Саудӣ, Қатар ва Аморот анҷом дода шудааст. Муаллиф тавассути таҳлили мундариҷа нишон медиҳад, ки ин оҷонсиҳо чӣ гуна рӯйдодҳои Тоҷикистонро бозтоб додаанд ва кадом жанрҳои иттилоотӣ бештар истифода шудаанд.

**Боби сеюм** ба бозтоби равобит дар ВАО-и Тоҷикистон бахшида шуда, таҳлили муфассали маводи АМИТ "Ховар", "Азия-Плюс" ва сомонаи "Pressa.tj"-ро фаро мегирад. Муаллиф бо қиёси фазои иттилоотии ин се расона хусусияти бозтоби мавзуъро муайян карда, равобити дуҷонибаро аз дидгоҳи журналистикаи ватанӣ таҳлил намудааст.

Дар **боби чаҳорум,** таҳти унвони «Вижагиҳои жанрии маводи марбут ба муносибатҳои дутарафа», таҳлили жанрҳои иттилоотӣ (хабар, ҳисобот, мусоҳиба) ва таҳлилӣ (мақола, тафсир) анҷом ёфтааст. Муаллиф бар он назар аст, ки бештар аз ҳама жанрҳои иттилоотӣ дар маводи марбут ба муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону кишварҳои араб истифода шудаанд, ки нишони мазмуни расмӣ ва дипломатии ин равобит мебошанд.

Муҳаққиқ, бо истифода аз далелҳои оморӣ ва таҳлили контент (масалан, 353 мавод аз оҷонсии Аморот), ба хулоса омадааст, ки сафарҳои расмии сарварони давлатҳо ва мулоқотҳои сатҳи олӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таҳрикбахши рушди равобити байналмилалӣ ба шумор мераванд.

Диссертатсияи мазкур бо таҳлили амиқ ва фарогирии масоили муосири фазои иттилоотӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ навгонии илмиро дар соҳаи рӯзноманигорӣ ва дипломатияи иттилоотӣ пешниҳоду ироа менамояд. Сабку услуби кор бартаран академӣ буда, хулосаҳо асоснок ва ба талаботи рисолаи докторӣ мувофиқанд.

Маводи тадқиқотӣ метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва омӯзиши фанҳои марбут ба рӯзноманигорӣ ва равобити байналхалқӣ истифода шавад.

Камбудиҳои ҷузъӣ:

1. Дар баъзе мавридҳо хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ. 28, 36, 42).

2. Баъзан дар баёни андешаҳо лаҳни публитсистӣ эҳсос мешавад, ки ба кори илмии академӣ чандон созгор нест.

3. Таҳлили маводди АМИТ "Ховар" нисбат ба дигар расонаҳо фарохтар омадааст, ки ин тавозуни таҳлилро андаке коста мекунад.

**Хулосаи умумӣ:**

Бо вуҷуди ин камбудиҳои ҷузъӣ, автореферат ва худи диссертатсияи доктории Қаландаров Сарабек Давлатёрович таҳти унвони «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс» бо навгониҳои илмӣ, таҳлили амиқ ва аҳаммияти назариявию амалӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Муаллиф, бидуни шак, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих** **Сайидзода Зафар Шералӣ**

Суроға: Ҷуҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 902-88-88-16
E-mail: zafarsaidov61@gmail.com

**"Имзои Сайидзода З.Ш.-ро тасдиқ мекунам."**
**Нозири калони кадрҳо** **Бекова О.Н.**

(Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: (+992 37) 221-03-28,
E-mail: info@osiyoavrupo.tj. Сомона: http://www.osiyoavrupo.tj)
Почтаи электронӣ (E-mail): rustamhaydarov.tjk@gmail.com
**“ 6 ” 10 соли 2025**